# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзӯи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (ш. Душанбе, 2026).**

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатасия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назаривӣ-ҳуқуқӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба шиносномаҳои ихтисоси илмӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми сентябри соли 2025, № 10 тасдиқ шудаст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавуи таҳқиқ.** Мониторинги қонунгузорӣ яке аз падидаҳои нав дар илми ҳуқуқшиносӣ буда, раванди алоҳидаи баҳодиҳӣ ва арзёбии қонунҳои қабулшуда ва амалияти татбиқи онҳо ба шумор меравад. Мониторинги қонунгузори ҷузъи муҳимии мониторинги ҳуқуқӣ ба шумор рафта, ба такмили фаъолияти қонунгузорӣ мусоидат мекунад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки аз лиҳози назариявӣ то ҳол ба мавзуи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, дар илми назарияи ҳуқуқ ва давлат он ҳамчун падидаи нав пешниҳод гардида, объекти таҳқиқоти алоҳида дар оянда ба шумор меравад. Аз ҷиҳати амалӣ, мониторинги қонунгузор баҳодии мунтазам ва доимӣ ба шумор рафта, мақсади он такмили сифат ва амалияи қонунҳо мебошад.

Дар дигар кишварҳо мониторинги қонунгузорӣ дар шаклу намудҳои гуногун ва дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешавад. Аз ҷумла, дар Россия, Белорус, Ӯзбекистон, Қазоқистон ин падида аллакай мавриди амалӣ қарор гирифта, аз ҷониби мақомти гуногун ба амал бароварда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати асосӣ ба ин масъала дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст. Чуноне, ки муаллиф менависад мубрамият ва гузориши масъалаи мазкур ҳанӯз дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2008 ироа гардида буд. Дар Паёми хеш Сарвари давлат таъкид намуда буданд, ки «Рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар аз заминаҳои мустаҳками меъёрии ҳуқуқӣ вобаста аст. Дар фароҳам овардани онҳо Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Маҷлиси намояндагон, ки вакилони он дар асоси доимӣ фаъолият менамоянд, мавқеи муассир ва намоён дорад. Имкониятҳои Маҷлиси намояндагон дар ин самт хеле васеъ мебошанд, вале онҳо дар такмили қонунҳо ҳамаҷониба ва пурра истифода намешаванд. Зеро масъалаҳои номувофиқатӣ ва мухолифат дар миёни қонунҳо то ҳанӯз аз байн бурда нашудаанд».

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатасия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Бисёр паҳлуҳои назариявии мавзуи таҳқиқот дар диссертатасия баррасӣ ва таҳлил гардидаанд. Муаллиф дар таҳқиқоти чунин ҷанбаҳои мавзуро ошкор кардааст:

- асосҳои назариявии мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, мафҳуму мақсад ва вазифаҳои онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;
- навъбандии шаклҳои мониторинги ҳуқуқӣ иҷро шудааст;
- тавсифи принсип ва усулҳои асосии мониторинги қонунгузорӣ ба миён гузошта шудааст;
- асосҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мониторинги қонунгузорӣ таҳлил гардидааст;
- мушкилоти амалии гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ мавриди таҳлили қарор гирифтааст;
- механизми такмили мониторинги қонунгузорӣ, аз ҷумла субъекту объектҳои он шарҳ дода шудааст;
- муҳимтарин талаботи мониторинги қонунгузорӣ асоснок гардида, роҳҳои баланд бардоштани самарабахшии он пешниҳод гардидааст;
- таҷибаи кишварҳои хориҷӣ марбут ба истифодаи мониторинги қонунгузорӣ омӯхта шуда, заминаҳои ҳуқуқӣ, механизм ва фаъолияти субъектҳои ваколатдори он дар дигар давлатҳо корбурд шудааст;
- тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ барои гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ коркард карда шудааст;
- ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ бо мақсади омӯзиши минбаъдаи онҳо пешниҳод гардидааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти дақиқу мукаммал оид ба мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, ҳамчун падидаи нав дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ

маҳсуб гардидааст. Дар баробари ин, дар таҳқиқот нахустин маротиба мафҳуми мониторинги қонунгузорӣ ва алоқамандии он бо дигар намудҳои мониторинги ҳуқуқӣ муайян, мақсаду вазифаҳо мушаххас, принсипу усулҳо ва татбиқи ин раванд асоснок, асосҳои ҳуқуқӣ, механизм, марҳалаю талаботи мониторинг таҳлил гардида, ҳамчунин роҳу воситаҳои баланд бардоштани самарабхшии мониторинги қонунгузорӣ пешниҳод шудааст.

**Асоснокунӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатасия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалии паҳлуҳои мухталифи мониторинги қонунгузорӣ ва амалисозии он асос ёфта, омӯзиши асарҳои илмӣ ва масъалаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда, ҳамчунин маводҳои амалӣ ва тавсияҳоро тасдиқ менамояд. Ҳамчунин нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои муаллиф, таҳлили ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар ба воситаи мониторинги қонунгузорӣ эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро нишон медиҳад.

**Ҳаҷм ва сохтори мавзуъ.** Сохтори диссертатсияи Матробов М.Х. дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назаривӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ҳамоҳанг буда, мутобиқ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиониии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 227 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи диссертататсия мушаххас карда шудаанд. Ҳамчунин навгониҳо, моҳияти назариву амалӣ, асоснокунӣ ва эътимонокии хуловаву тавсияҳо, усулҳои таҳқиқ ва асосҳои меъёриву ҳуқуқӣ дарҷ гардидаанд.

**Боби якуми диссертатсия** ба таҳлили «Тавсияи умумии мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ» бахшида шуда, дар ин боб муаллиф мафҳуми мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунгузориро шарҳу тавзеъ додааст. Дар боби мазкур муаллиф ба андеша ва назарияҳои олимони ватаниву хориҷӣ такя намуда, таърифҳои зиёдро дар робита ба мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ баррасӣ кардааст. Дар маҷмуъ муаллиф чунин менависад, ки аз шарҳу

тафсири мафҳумҳои гуногун бармеояд, ки олимон дар робита ба мафҳумҳои мониторинги ҳуқуқӣ ба чанд гуруҳ ҷудо мешаванд: гуруҳи якуми онро ҳамчун фаъолияти ҳуқуқӣ, гуруҳи дуюм – навъи технологияи ҳуқуқӣ, гуруҳи сеюм – институти ҳуқуқӣ, гуруҳи чорум – механизми мушоҳида, таҳлил ва рушди ҳуқуқ, гуруҳи панҷум – падида ё зуҳуроти алоҳидаи ҳуқуқӣ; гуруҳи шашум – навъи назорати давлатӣ ва ҳуқуқӣ ѐ усули назорат (бархе усули инноватсионӣ)-и иҷрои санадҳои меъѐрии ҳуқуқӣ, гуруҳи ҳафтум – шакли махсуси танзими санадҳои меъѐрии ҳуқуқӣ меҳисобанд» (с. 27).

Ҳамзамон муаллиф мониторинги ҳуқуқиро фаъолияти алоҳидаи ҳуқуқӣ меҳсобад, ки бо мақсади пайгирӣ, баҳодиҳӣ ва арзёбии навъҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ аз ҷумла, фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниву қонунгузорӣ, ҳуқуқтатбиққуниву ҳуқуқҳифзкунӣ истифода мешавад (с. 28).

Дар таснифбандии навъҳои муониторинги ҳуқуқӣ муаллиф ақидаҳои олимони гуногунро дастгирӣ намуда, навъҳои асосии мониторинги ҳуқуқиро ба мониторинги қонунгузорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ ё амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, фазои ҳуқуқӣ, соҳаи ҳуқуқӣ, низоми ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаъолияти қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мониторинги фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, зиддикоррупсионӣ, хатоҳо, низоми ҳуқуқӣ ва ғ. ҷудо менамояд.

Дар боби мазкур муаллиф мониторинги қонунгузориро ҳамчун шакли мониторинги ҳуқуқӣ баррасӣ карда мафҳум, вазифаҳо, унсурҳо ва хусусиятҳои онро таҳлил кардааст. Муаллиф мафҳуми мониторинги қонунгузорӣ чунин шарҳ медиҳад: «Мониторинги қонунгузорӣ дар муқоиса ба дигар намудҳои мониторинги ҳуқуқӣ васеъ буда, ҳамаи фаъолиятҳои марбут ба пайгирӣ, арзёбӣ ва баҳодиҳии раванди эҷоди меъёрҳои қонун, иттилоотонии ҷомеа аз вазъи қонунгузорӣ, сатҳи риоя ва татбиқи қонунҳоро фаро мегирад» (с. 46).

Аз ин мафҳум бармеояд, ки мониторинги қонунгузорӣ тамоми раванди қонунгузорӣ аз ҷумла аз таҳияи қонунгҳо то қабул татбиқи меъёрҳои онҳо дар ҷомеаро фаро мегирад, ки ҷолиби диққат мебошад.

**Боби дуюм** «Асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» принсипҳо, усулҳо, воситаҳо ва асосҳои мониторинги қонунгузориро дар бар гирифтааст. Дар ин боб муаллиф принсипҳои мониторинги қонунгузориро шарҳ дода қайд менамояд, ки мониторинги қонунгузорӣ низ дорои принсипҳои хос буда, дар раванди он аз тарафи субъектон ба инобат гирифта мешаванд. Қобили зикр аст, ки принсипҳои мониторинги ҳуқуқӣ дар таҳқиқоти илмӣ ба қадри кофӣ коркард

нашудааст. Танҳо дар чанде аз мақолаҳои олимону муҳаққиқони рус принсипҳои мониторинги ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст (с. 55).

Муаллиф принсипҳои мониторинги қонунгузориро асосҳои роҳбарикунандае меҳисобад, ки моҳияти онро ифода карда, талаботи рафтори субъекти муайняро барои самарабахшии татбиқи мониторинг ба шакл медароранд. Онҳо, ҳамчунин, асосҳои назариявӣ ва меъёрии ташкил, татбиқ ва натиҷагирии мониторнги қонунгузорӣ ба шумор меравaнд (с. 58).

Ҳамчунин муаллиф гуруҳбандии принсипҳои мониторинги қонунгузориро анҷом дода, қайд менамояд, ки принсипҳои мониторинги қонунгузорӣ асосан ба ду гурӯҳ: умумӣ ва махсус тасниф мешаванд. Принсипҳои қонуният, демократизм, илмият, касбият ва кордонӣ, ошкорбаёнӣ, фаъолияти маҷмуӣ (комплексӣ) ва банақшагирӣ, объективизм ва ғ.-ро ба қатори принсипҳои умумӣ ва принсипҳои муттасилӣ ё пайдарпайӣ, низомнокӣ, мақсаднокӣ, такмилдиҳӣ, фарогирӣ, иттилоотрасонӣ, ягонагӣ, таъминоти молиявӣ ва ғ. ба принсипҳои махсус дохил мешаванд (с. 58-59).

Дар робита ба усулҳо ва воситаҳои мониторинги қонунгузорӣ муаллиф ба чунин хулоса мерасад, ки онҳо тарзу роҳҳои илман коркардшуда мебошанд, ки дар раванди мониторинги қонунгузорӣ истифода шуда, маҳз бо истифодаи онҳо кори субъектҳои мониторинги қонунгузорӣ осон мегардад. Яъне, усулҳои мониторинги қонунгузорӣ роҳу восита ва тарзҳои илмӣ таҳлилӣ ва амалии омӯзишу баҳодиҳӣ ва мушоҳидаву назорати мунтазами қонунгузорӣ, ки дар заминаи онҳо маълумот дар бораи вазъу сифати қонунҳо, татбиқ ва самаранокии онҳо ҷамъоварӣ мегардад. Таснифҳои гуногуни усулҳои мониторинги ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, аммо дар умум ба ду гурӯҳи асосӣ, яъне усулҳои умумӣ ва соҳавӣ ё хос ҷудо мешаванд. Дар зер ҳар усули умумӣ ва хос мавриди баррасӣ қарор дода мешавад (с. 74).

Дар маҷмуъ дар раванди мониторинги қонунгузорӣ усулҳои умумии назариявии илмии маърифат, синтез, муқоиса, абстрактсия, усулҳои индуксия ва дедуксия, пешгуйӣ ва усулҳои махсуси хуқуқӣ, аз ҷумла усулҳои озмоиш (эксперимент)-и ҳуқуқӣ, муқоиса, мушоҳида, пешгуйӣ, таҳлил, экспертиза, усулҳои сотсиологӣ ва ғайра ҷудо мешаванд. Дар ин бахши диссертатсия муаллиф принсип ва усулҳои мониторинги қонунгузорӣ дар алоҳида мушаххас шарҳ додааст (с. 88-89).

Дар боби мазкур муаллиф зарурати такмили мониторинги қонунгузорӣ асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии онро муҳим мешуморад. Дар воқеъ муаллиф дуруст қайд менамояд, ки мониторинг ҳамчун фаъолияти алоҳида бояд принсип ва усулҳои он коркард шуда, дар қонунгузорӣ дарҷ карда шаванд.

Асосҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ масъалаи муҳими таҳқиқот буда, маҳз дар асоси онҳо раванди мониторинги қонунгузорӣ ташкил ва ба роҳ монда мешавад. Муаллиф асосҳои ҳуқуқии монтиоринги қонугузориро таҳлил намуда, чунин менависад, асосҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ заминаҳои ҳуқуқие фаҳмида мешаванд, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шуда, меъёрҳо вобаста ба танзими фаъолияти мазкурро дар бар мегиранд. Доираи ҳуҷҷатҳое, ки асосҳои ҳуқуқиро инъикос менамоянд, аз ҷиҳати мазмун хеле гуногун буда, аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои зерқонунӣ, санадҳои дохилӣ ва ғайра иборатанд. Ба асосҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дохил мешаванд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардаанд, қонунҳо; фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар заминаи онҳо консепсия, барнома, стратегияҳо қабул шудаанд), паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; санадҳои зерқонунӣ (тартиб, низомнома, дастурамал ва ғ.) (с. 107).

Ба андешаи муаллиф то ҳол заминаи кофии ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард карда нашудааст, ки пурра меъёрҳо ва механизми мониторинги қонунгузориро муқаррар кунад. Аз ин рӯ, танҳо бо такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъѐрии ҳуқуқӣ» ва таҳияи санадҳои зерқонунӣ мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул дода мешавад.

**Боби сеюм** «Механизми мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои такмили он» буда, дар ин боб муаллиф марҳила ва равандҳои гузаронидани мониторинги қонугузорӣ, субъект ва объекти онро таҳлилу баррасӣ кардааст.

Механизми мониторинги қонунгузорӣ аз ҷониби субъектҳои мониторинги қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад. Ҳар субъекти ваколатдор дар сохтори худ, раёсат, шуъба, бахши ҳуқуқ ё мониторинг дорад, ки бевосита дар асоси методология, барнома ва тибқи роҳу тарзҳои муқарраршуда вазифаи мазкурро иҷро менамояд. Қобили зикр аст, ки субъектҳои мониторинги қонунгузорӣ вобаста ба соҳаи фаъолияти худ таҳлилу баҳодиҳӣ ва дурнамои самтҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла, ҷиноятӣ, мурофиавӣ, меҳнатӣ, кишоварзӣ ва ғайраро амалӣ менамоянд (С. 111).

Муаллиф механизми мониторинги қонунгузорӣ роҳу восита ва барномаҳои мушаххасе меҳисобад, ки дар раванди гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ аз ҷониби мақоми ваколатдор, зерсохтор ва шахси масъул истифода мешавад (с. 111).

Ҳамчунин маънои васеи механзими мониторинг қонунгузорӣ дода шуда, он низоми ташкилию ҳуқуқиест, ки ба таври мунтазам субъектҳои мониторинги қонунгузорӣ бо мақсади омӯзиши қонунгузории амалкунанда, омода ва татбиқи пешниҳодҳо оид ба такмили он, ҳамчунин дурнамои қабули қонунҳои нав амалӣ мегардонанд (с. 112).

Дар робита ба марҳила ва равандҳои гузаронида мониторинги қонунгузорӣ муаллиф қайд менамояд, ки марҳалаҳои асосии мониторинги қонунгузорӣ ҳамаи давраҳои пайдоиш, ташаккул ва татбиқи санади қонунгузориро фаро мегирад (с. 124).

Дар боби мазкур муаллиф дар асоси таҷрибаи хориҷӣ субъект ва объектҳои мониторинги қонугузориро шарҳ дода, таснифи комили онҳоро дар таҳқиқот ҷой додааст. Ҳамзамон муаллиф вазифаҳо ва самтҳои субъектҳои алоҳидаи мониторинги қонугунзориро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Ба андешаи муаллиф субъекти мониторинги қонунгузорӣ мақомоти ваколатдорест, ки дар асоси қонун вазифаҳои амалигардонии таҳлилу баҳодиҳии вазъи қонунгузориро дорад (с. 125). Ба маънои васеъ, субъектҳо – мақомоти давлатӣ ва созмонҳои байналмилалию ҷамъиятӣ буда, фаъолияти таҳлилӣ, арзёбӣ ва пешгуйии қонунгузориро ба анҷом мерасонанд (с. 153).

Вобаста ба таснифбандии субъектҳо, мониторинги қонунгузориро субъектҳои умумӣ (мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ), аз рӯйи сатҳ (мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) ва махсус (сохторҳои махсус, ки бо мақсади гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ таъсис дода мешаванд) амалӣ мегардонанд (с. 154).

Объекти мониторинги қонунгузорӣ хело ҳам гуногунпаҳлу буда, раванду муносибатҳои ҷамъиятӣ ва санадҳои меъёрии-ҳуқуқиро фаро мегирад. Аммо бештар ҳамчун объекти мониторинги қонунгузорӣ санадҳои ҳуқуқӣ ва раванди қабули онҳо, ҳамчунин лоиҳаҳои санадҳои зикршуда фаҳмида мешавад. Санадҳои ҳуқуқие, ки объекти мониторинги қонунгузорӣ мебошанд ба намудҳои зерин тасниф мешаванд: 1) санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2) санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ; 3) санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатӣ – санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (с. 160).

Дар ин бахши диссертатсия муаллиф ба масъалаҳои дарёфт ва истифодаи мониторинги қонунгузорӣ, талабот ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии мониторинги қонунгузорӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, пешниҳод ҳои муфдиро манзур менамояд.

Дар раванди мониторинги қонунгузорӣ талаботи мушаххас гузошта мешавад. Муаллиф қайд менамояд, ки талаботҳои мониторинги қонунгузорӣ шарт ва маҳакҳое асосие мебошанд, ки риояи онҳо дар раванди гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ ба эътибор гирифта мешаванд (с. 179).

Дар баробари риояи талаботҳо мониторинги қонунгузорӣ натиҷаи фаъолияти мазкур ба даст меояд. Роҳҳои муҳими баланд бардоштани натиҷабахшии мониторинги қонугузорӣ чунин мебошанд: мавҷудияти асосҳои меъѐрии ҳуқуқӣ, консепия, барномаву дастурҳои алоҳида; ташкили вохуриву суҳбатҳои мунтазам бо аҳолӣ; иштироки доираи васеи субъектҳои гуногун, ҳамчунин институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мониторинги қонунгузорӣ; истифода коммуникатсионӣ; аз технологияҳои гуногуни иттилоотиву таҳкими ҳамкориву ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалю ҷамъиятӣ; истифода аз махзани васеи иттилоотӣ, маводди ВАО, нашрияҳо ва таҳлилу таҳқиқоти илмӣ; омӯзиши таҷрибаи фаъолияти қонунгузории кишварҳои хориҷӣ; таҳлил ва баҳодиҳии муносибатҳои ҷамъиятӣ; риояи меъѐрҳои техникаи ҳуқуқӣ, бахусус риояи меъѐрҳои забони қонун ва истифодаи дурусти истилоҳот; тақвияти шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ва коҳиши нигилизми ҳуқуқӣ (с. 180).

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Маводи диссертатсия дар таълими назарияи ҳуқуқ ва давлат, ҳуқуқи конститутсионӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ, ҳамчунин ба роҳ мондани курсҳои махсус дар факултаҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳо ва анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ зоҳир мегардад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳои коркардшуда ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунгузорӣ, тартиби таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, самаранокии фаъолияти қонунэҷодкунии мақомоти ваколатдор бо истифодаи аз мониторинги қонунгузорӣ равона карда шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ 19 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст. Ҳамчунин, ҳаммуаллифи ду тафсири қонун, як таҳлили қонунгузорӣ, як воситаи таълимӣ, мураттиб, мутарҷим ва муаллифи зиёда аз сад мақолаҳои энсиклопедиву оммавӣ мебошад.

Мақолаҳо ва маводи нашршуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиониии назди Президенти Ҷуқмҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатасия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааast.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардида, ба масъалаҳои рушди ҳуқуқ бахшида шудаанд. Асоснокнамоӣ ва сабку услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифро дар коркарди масъалаҳои мониторинги қонунгузорӣ ифода мекунад. Қобили қайд аст, ки диссертант дар гурӯҳҳои корӣ оид ба такмили қонунгузорӣ иштирок намудааст.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои имлӣ, ки бо Қарори Ҳуққумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе аз камбудиҳо ва норасоиҳо, хатоҳои имлоиву забонӣ ба назар мерасанд.

1. Дар таҳқиқот муаллиф фаъолияти мониторинги қонунгузории субъектҳои ваколатдор ва нақши онҳоро дар раванди фаъолияти мазкур ба таври пурра баррасӣ накардааст. Бинобар ин, зарур аст, ки дар таҳқиқоти минбаъда ба ин масъала таваҷҷуҳ дода шуда, фаъолияи мониторинги қонунгузории ҳар субъекти ваколатдор ва натиҷаҳои онҳо дар ин самт нишон дода шаванд.

2. Дар боби якум муаллиф мафҳуми мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунгузориро шарҳ дода, аммо дигар навъҳои мониторинги ҳуқуқӣ ба таври мухтассар шарҳ дода нашудаанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки минбаъд бо мақсади фарқгузорӣ ва баррасии пурраи онҳо аз якдигар таърифи онҳо дода шаванд.

3. Дар таҳқиқот баъзе истилоҳоти хориҷӣ (мас., кодификатсия, инкорпоратсия, консолидатсия) кор фармуда шудааст. Бинобар ин, хуб мебуд, ки гунаи забони тоҷикии онҳо низ дар оянда ба кор бурда шавад.

4. Ҳамчунин хато ва ғалатҳои имлоиву техникӣ дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ба назар мерасанд (саҳифаҳои 28, 35, 44, 92).

Дар маҷмуъ эродҳои мазкур ба сатҳ ва моҳияти илмӣ-назариявии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва танҳо

тавсияи судманд дар таҳқиқи минбаъдаи падидаи мониторинги қонунгузорӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, диссертатасияи Матробов Матроб Хурамович «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, моҳияти баланди илмӣ дошта, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
мушовири калони муовини якуми
раиси Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ҷамшедзода К. Ҷ.

Имзои Ҷамшедзода К.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф.

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.
Телефон: 907-00-220-07
E-mail: jkomron11@mail.ru
Факс: 221-81-63

«9» январи соли 2026